САРҚОНУН - БАХТНОМАИ МИЛЛАТ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №5 (12) 27-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2014, ДУШАНБЕ



## ЛОИҲАИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ АВФ"

Имрӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи конститутсионии худ дар руҳияи инсондӯстӣ, раҳму шафқат ва бо мақсади бахшидани гуноҳҳо дар арафаи 20-солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф"-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" доираи шахсонеро фаро мегирад, ки то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур ҷиноят содир намуда, аз нигоҳи ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ ва бартараф гардидани хавфнокии ҷинояти содирнамудаашон ба авфи гуноҳ эҳтиёҷ доранд.

Дар Қонуни мазкур гурӯҳи шахсоне, ки нисбати онҳо авф татбиқ мегардад, тартиб ва мухлати иҷрои санади зикргардида, мақомоти иҷрокунандаи ин санад, инчунин ҳалли дигар масъалаҳое, ки ба татбиқи авф алоқаманданд, пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда, ки аз чор се ҳиссаи ҷазоро дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адо кардаанд, аз маҳбас ва идомаи минбаъдаи ҷазо озод карда мешаванд.

Ҳамчунин аз адои ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ, новобаста аз мухлати ҷазои таъиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ғайриҳабсӣ занон, ноболиғон, мардони аз 55-сола боло, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо, иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон, шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III, шахсони гирифтори бемориҳои саратон, сили узвҳои нафас ва шуш, бемории дил, шахсоне, ки аз даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ саркашӣ намудаанд ё худсарона қисми ҳарбиро тарк кардаанд ва шаҳрвандони хориҷӣ озод карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, маҳкумшудагоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд, сарфи назар аз намуди ҷазои ҷиноятии таъиншуда ва шахсоне, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд ва ба онҳо то 5 сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешаванд.

Ҳамчунин шахсоне, ки ба мухлати зиёда аз 5 соли маҳрумӣ аз озодӣ маҳкумшуда, аз се ду ҳиссаи ҷазоро адо намудаанд, агар онҳо ҷиноятҳои махсусан вазнинро содир накарда бошанд, низ аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешаванд.

Шахсоне, ки нисбати онҳо барои қасдан содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати то панҷ сол ва ҷазоҳои дигари ғайриҳабсӣ таъин карда шудаанд ва ҳамчунин шахсоне, ки то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур мухлати адонагардидаи ҷазои маҳрумӣ аз озодиашон то як солу шаш моҳ боқӣ мондааст, ба истисноӣ шахсоне, ки ҷиноятҳои одамкӯшӣ, таҷовуз ба номус, хиёнат ба давлат, бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, ҷосусӣ, тахрибкорӣ ва ҷиноятҳои ба терроризм алоқамандро содир намудаанд, аз адои минбаъдаи ҷазо ва ҷавогарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

Мувофиқи лоиҳаи Қонуни мазкур кам кардани мухлати ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ нисбати дигар маҳкумшудагон татбиқ карда мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои пешакӣ Қонуни мазкур нисбати зиёда аз даҳ ҳазор гумонбаршудаҳо, айбдоршавандаҳо, судшавандаҳо ва маҳкумшудагон татбиқ карда мешавад.

Қабул ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" амали инсондӯстона буда, барои ба кору зиндагии осоишта ва муҳити оила баргардонидани шахсони ҷиноятсодирнамуда ва ислоҳ гардидани онҳо мусоидат хоҳад кард.

## ДАР ИН ШУМОРА:

Шаҳри зебои ман - Душанбе



САҲ. 2

ЧӢ ГУНА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНРО БАЛАНД БАРДОРЕМ? САҲ. 6

ЗАБОНИ КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ САҲ. 4-5

КОНСТИТУТСИЯ - ШАҲОДАТНОМАИ МИЛЛАТ САҲ. 8

ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ - ҒОЛИБИ ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ САҲ. 2



НАЗАРИЯИ ҶАВОБГАРИИ ФАРДӢ ВА МУКАЛЛАФОТ ДАР ОСОРИ ҶОМӢ САҲ. 4




# Манфиати соҳибкорон ва сармоягузорон қадр карда мешавад

## (Дар ҳошияи мулоқоти Президенти ҶТ бо соҳибкорон)

**Шумо, соҳибкорону сармоягузорон қувваи бузургу пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ва нерӯи созандаву ободкори Ватанамон мебошед.**

*Аз баромади Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти бо соҳибкорон ва сармоягузорон дар санаи 14-уми октябри соли 2014.*

Нахуст аз таҳлили вазъи ҳозира ва дурнамои рушди иқтисодиёт ва ҳам беҳтар сохтани фазои сиёсию ҳуқуқии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ сухан оғоз кардани Сардори давлат дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони мамлакат бесабаб набуд. Зеро аз муваффақиятҳои соҳибкорӣ дар бештари мавридҳо мувафақиятҳои кишвар алоқаманд мебошад.

Зимни суханронии худ Президенти кишвар таваҷҷуҳи ҳозиринро ба ҳадафҳои ташкили мулоқоти мазкур, аз ҷумла тақвият бахшидан ба ислоҳот ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахшҳои саноати миллӣ, навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазири ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ, рушди имкониятҳои содиротии мамлакат, мусоидат намудан ба ҷалби бештари сармоягузориҳо, дарёфти сарчашмаҳои афзалиятноки маблағгузориҳои дарозмуддат, инчунин мубодилаи иттилоот, робита ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ барои рушди ҳамкории соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ҷалб карда, тадриҷан татбиқ намудани ҳадафҳои мазкурро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим арзёбӣ намуд.

Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад, ки дар суханрониҳои қаблии Сарвари давлатамон таъкид шуда буд. Ин мулоқот воқеан ҳам идомаи ислоҳоте буд, ки дар ин самти барои рушди иқтисодиёти кишвар муҳим тӯли чанд соли охир бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон, тарҳрезӣ мегардад. Натиҷаи ҳамин иқдомҳои ҳасана буд, ки ҶТ аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо гардид.

Бешубҳа, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳими инкишофи бахши иқтисодии кишвар мебошад. Дар ин замина ҳам аз ҷониби Ҳукумат дар ҳамаи сатҳҳо ва ҳам аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ, бояд корҳои умда ба анҷом расонида шаванд. Соҳибкоронро зарур аст, ки бо дарки масъулият, дар чорчӯбаи қонунгузории ҷорӣ ва доираи арзишҳои башарӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, дар ҳақиқат муҳаррики асосии пешрави иқтисодиёти кишвар буданашонро собит намоянд. Чи дар бахши истеҳсолот ва чи дар бахши хизматрасонӣ қабл аз ҳама ниёзҳои шаҳрвандон, яъне истеъмолкунандагони оддиро ба назар гиранд, барои ташкили брендҳи миллии маҳсулот, ки бояд, бозорҳои ҷаҳониро тасхир намояд, кушиш ба харҷ диҳад. Чунки имрӯз давлат ва ҳукумат ҷиҳати рушди соҳибкорӣ заминаи хеле мусоид фароҳам оварда, ба ҳар фарди Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ин бахш собиткорона фаъолият намоянд. Дарели чунин гуфтаҳо қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ" мебошад, ки мақсад аз қабули қонуни мазкур муайян намудани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, тартиби бақайдгирии онҳо, ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгарӣ барои монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ шудан мебошад.

Дар ин суҳбати озод ва рӯ ба рӯ, бахусус ҳангоми суолу ҷавоб бо соҳибкорон ва сармоядорон маълум буд, ки Сардори давлат аз мушкилоти соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоядорӣ бо кӯчактарин ҷузъиёташ хабар дорад. Суолу пешниҳодҳои соҳибкоронро бодиққат гӯш дода, ҷавобҳои дақиқ ва қонеъкунанда медиҳад ва ҳатто барои дар ҷояш ҳал намудани баъзе проблемаҳои ҷудогона ба роҳбарони вазорату идораҳои масъул супоришҳои қатъӣ медиҳад.

Бо дастгирӣ ба гуфтаҳои боло қадр кардани манфиати соҳибкорон ва сармоядорон, ба хотири заҳматҳои кашидаи онҳо дар роҳи ободии Ватан ҳамчун нишонаи дастгирии фаъолияти содиқонаву софдилонаи онҳо бо пешниҳоди Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола минбаъд 14-уми октябр рӯзи соҳибкорон эълон карда шуд, ки ба фикри ман рӯзи фаромӯшношуданӣ барои ҳар як соҳибкор ба ҳисоб меравад.



**Исмоил ШАРИФОВ**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат*

# Шаҳри зебои ман - Душанбе

**Ман дар оғӯши шаҳри зебоям,**
**Шаҳри зеботарини дунёям**
**Дилу пурҷӯши Тоҷикистон аст**
**Тоҷикистон тан асту ӯ ҷон аст.**

*М.Турсунзода*

Дар дунё шаҳрҳое ҳастанд, ки дар тӯли қарнҳо ифодаву ибораҳои тавсифӣ бо номи онҳо тавъам ёд мешаванд : Маккаи Мукаррама, Мадинаи Мунаввара, Маскави мармарин, Рими бостонӣ, Боғдоди афсонавӣ, Бухорои шариф ва ғайраҳо. Барои шаҳри Душанбеи мо тавсифи "боғшаҳр" хос аст.

Душанбе шаҳри фарҳангию таърихӣ мебошад. Шаҳри Душанберо мо ҳамчун Шоҳроҳи Вахдат, тараққиёти иқтисодӣ, тарғиби дастовардҳои чандҳазорсолаи илму тамаддуни халқи тоҷик дар маркази Тоҷикистон шинохта мешавад.

Рӯзи 20 октябри соли 2014 ба муносибати 90 солагии пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе дар назди кафедраи забонҳои хориҷӣ бо роҳбарии дотсенти кафедра Афзали М.К. маҳфили илмӣ-адабӣ байни донишҷӯёни курси 1-уми шуъбаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ гузаронида шуд. Дар ин маҳфил донишҷӯён мақолаҳои илмӣ, презентатсияҳо, саҳначаҳо дар бораи шаҳри Душанбе пешниҳод намуданд. Дар маҳфил донишҷӯёни зерин фаъолона иштирок карданд : Раҳмонов Фируз, Норова Нушофарин, Тошпулотов Аминҷон, Тиллоева Зебонигор, Раҷабов Исфандиёр, Раҳмонов Фируз, Обидов Комрон, Хукматов Умедҷон, Муродов Манучер, Ҷонмахмадов Комрон





Албатта, чи қадаре , ки дар бораи шаҳри азизамон сухан наронем, кам аст. Донишҷӯён дар бораи "шаҳри кӯҳна"-и Душанбе, имрӯзи Душанбе ва фардои Душанбе дар шакли рӯнамоӣ (презентатсия) баромадҳо карданд.

***Аҷаб шаҳри дилорои Душанбе,***
***Хаёлам зеби дунёи Душанбе.***

Бояд қайд кард, ки кафедраи забонҳои хориҷӣ бо ташаббуси мудири он дотсент Салоҳиддинов В.Ю. пайваста дар гузаронидани чорабиниҳои берун аз дарсӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин бори чандум аст, ки бо ташаббуси кафедраи забонҳои хориҷӣ маҳфилу чорабиниҳои фарҳангӣ байни донишҷӯён гузаронида мешавад. Қобили қайд аст, ки дар ҷараёни таълим гузаронидани чунин маҳфилҳои илмӣ-адабӣ ба тарғиби ғояҳои ватанпарастию меҳандӯстии донишҷӯён таъсири худро мерасонад.

# Донишҷӯи факултет - ғолиби олимпиадаи ҷумҳуриявӣ

Санаи 25-уми октябри соли равон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 20 солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии муассисаҳои олии касбӣ миёни донишҷӯён аз фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ баргузор гардид. Дар ин озмун Донишгоҳи Миллии Тоҷикистонро донишҷӯи соли 5 -уми факултети ҳуқуқшиносӣ Шарифов Манучеҳр муарифӣ намуд.

Шарифов Манучеҳр дар ин озмун сазовори ҷои якум гардида, ба ӯ Дипломи дараҷаи 1-уми Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда шуд.

Раёсати ДМТ, устодону кормандони донишгоҳ Шарифов Манучеҳрро барои ғолибияташ дар ин озмуни ҷумҳуриявӣ табрик намуда, ба ӯ дар ҷодаи илм комёбиҳои нав ба навро хоҳонанд.



# Решение проблемы семейного насилия в исламском праве



**Аваз НАЗАРОВ** *заведующий кафедрой криминалистики и судебной экспертизы*

Исламское право оказало глубокое влияние на историю развития государства и права целого ряда стран Востока. Причем из более, чем 120 стран мира, где имеются исламские общины, почти в 40 последователи ислама представляют большинство населения, а в ряде других государств представляют весьма заметное и влиятельное меньшинство.

Особенности социальной доктрины ислама в целом отразились на формировании основных воззрений исламской идеологии на семью и семейные отношения. Основой основ исламских взглядов на брак, семью и семейный быт является строгое соблюдение принципов исламской догматики, права и этики, предусмотренных в идейных и теоретических документах ислама, прежде всего в Коране.

Значительная часть стихов Корана регулирует именно семейные отношения, и это не случайно. Семья стала важнейшей социальной ячейкой, связанной через свою главу с общиной и с образовавшимся государством.

Семейные отношения регулируются в исламском праве рядом институтов "права личного статуса". Основное направление эволюции формы и содержания "права личного статуса" было тесно связано с начавшимся в конце XIX столетия процессом кодификации норм исламского права. Первым шагом на этом пути явилось принятие в 1869-1877 годах Маджаллы, действие которой распространялось на большинство арабских стран, входивших в состав Османской империи (за исключением Египта).

В настоящее время семейное право большинства мусульманских стран представлено, как правило, специальным законодательством, которое в зависимости от сферы действия может быть разделено на три группы. В некоторых странах (первая группа) нормативно-правовые акты регулируют лишь отдельные стороны семейных отношений. Так, семейные законы Египта №25 от 1920 г. о содержании семьи и других вопросах личного статуса и №25 от 1929 г. о некоторых нормах статуса касаются только некоторых аспектов брака, развода и содержания семьи.

Вторую группу составляет законодательство Йемена, Иордании, где действуют сводные нормативно-правовые акты с разной степенью детализации, регламентирующие все основные вопросы семейного права.

В третью группу входит законодательство Сирии, Марокко, Туниса, Ирака и Алжира. В нем все основные вопросы семейного права регулируются наряду с другими институтами личного статуса едиными актами. В Сирии таким законом является закон №59 от 1953 г. о "личном статусе" (с изменениями, внесенными законом №34 от 1975 г.).

Особенностью семейного законодательства Ирака является строгий запрет внесудебного заключения брака: по закону № 21 от 1978 г. мужчина, заключивший брак вне суда, наказывается лишением свободы на срок от шести месяцев до года или штрафом от 300 до тысячи динаров. Если же таким путем был заключен новый брак при сохранении предыдущего, то мужчина наказывается лишением свободы на срок от 3 до 5 лет.

В главе XIX. Всеобщая Исламская декларация прав человека, "Право на создание семьи и связанные с этим вопросы" предусмотрены права и обязанности супругов:

1. Всякий человек имеет право вступить в брак, создать семью и растить детей в соответствии со своей религией, своими традициями и культурой. Всякий супруг обладает этими правами и привилегиями и подчиняется обязательствам, установленным Законом. 2. Каждый из супругов имеет право на уважение и почитание со стороны другого. 3. Всякий супруг обязан содержать свою супругу и детей в соответствии со своими средствами. 4. Всякий ребенок имеет право быть на иждивении родителей и расти в семье. Запрещается заставлять работать маленьких детей и подвергать их нагрузкам, вредным для их естественного развития. 5. Если в силу каких-либо причин родители не способны выполнять свои обязанности по отношению к ребенку, общине надлежит выполнять эти обязанности за счет общественных ресурсов. 6. Всякий человек имеет право на материальную поддержку, так же как и на заботу и защиту семьи в детстве, в старости или в случае недееспособности. Родители имеют право на материальную поддержку, так же как и на заботу и защиту со стороны детей. 7. Материнство имеет право на уважение, заботу и особую помощь со стороны семьи и общественных органов общины (Уммы). 8. В семье мужчина и женщина должны разделять между собой обязанности и ответственность сообразно с их полом, способностями, талантами, природными склонностями, учитывая их общую ответственность перед детьми и родителями. 9. Никто не может вступить в брак против своей воли, утратить полностью или частично свое юридическое лицо вследствие вступления в брак.

В исламском праве прекращение насилия в семье означает действия по его предотвращению на начальном этапе. Ключевым понятием тут является упреждающее сдерживание. Именно в этом заключается мудрость 34 аята суры "Женщины" - уменьшить и остановить насилие в отношении женщин. Этот аят в своей совокупности описывает процесс сдерживания, управления гневом и перевоспитания. "Мужчины являются попечителями женщин, потому что Аллах дал одним из них преимущество перед другими, и потому что они расходуют из своего имущества. Праведные женщины покорны и хранят то, что положено хранить, в отсутствие мужей, благодаря заботе Аллаха. А тех женщин, непокорности которых вы опасаетесь, увещевайте, избегайте на супружеском ложе и побивайте. Если же они будут покорны вам, то не ищите пути против них. Воистину, Аллах - Возвышенный, Большой."

Аят начинается с определения семьи, возлагая на мужа обязанности ее защитника и кормильца. Эта ответственность дает ему определенные полномочия и привилегии, в то же время требуя проявлять великодушие, - но ни в коем случае не дает права применять насилие в семье. Затем аят призывает женщин также поступать добродетельно и защищать семью, помогая своему мужу, слушаясь его во всем, что он велит хорошего, и болтая направо и налево о внутрисемейных делах.

Далее в этом аяте описывается процесс сдерживания гнева, перевоспитания и примирения. К этому процессу можно прибегнуть только в том случае, если жена сознательно пытается расшатать или разрушить семью, о чем свидетельствуют слова "а тех жен, в верности которых вы не уверены". Но эти сомнения в "верности" вовсе не подразумевают всевозможные разногласия, которые могут быть у жены с мужем. Арабский словарь дает правильное толкование этого понятия - это жена, которая вовсе забросила своего мужа или незаконно пыталась разрушить семью. Если жена сознательно ведет себя подобным образом, то в Коране описывается процесс мирного урегулирования спора.

Первый этап - сдерживание гнева - обязывает мужа только увещевать жену, высказывая ей свою обеспокоенность; по сути, это признание сторонами существования проблемы. Это заставляет мужчину строго контролировать себя в надежде, что жена также склонится к примирению. Если этого не произойдет, то второй этап - "отлучение от супружеского ложа" на срок до четырех месяцев. Это еще больше уменьшает вероятность насилия в семье, поскольку мужчина физически отстраняется от остро эмоциональных ситуаций в течение длительного периода времени. Если муж отреагировал неадекватно на какой-либо поступок жены, то это время, проведенное раздельно, поможет ему осознать собственную неправоту. Аналогичным образом, если жена действительно совершила что-то неподобающее, то отстранение мужа будет способствовать тому, что осознает неправильность своего поведения. В любом случае, этот шаг позволяет избежать насилия, в то же время способствуя примирению.

Эффективно использование этих двух этапов поможет разрешить большинство внутрисемейных споров. Но если это не подействует, Коран позволяет - а вовсе не повелевает - мужчине перейти к третьему этапу, который обычно переводится как "побивайте их". Но воспринимать это "побивайте" как санкционирование насилия - значит игнорировать длительный процесс, предпринятый на первых двух этапах для предотвращения насилия, истинное значение и масштабы "побивания", а также прецедент мирного примирения, установленный самим пророком Мухаммадом.

Во-первых, незаслуженно предполагать, что Коран требует предприятия столь длительных мер предотвращения насилия только для того, чтобы в конечном итоге разрешить его.

Далее арабский словарь демонстрирует, что слово, переводимое как "побивать" или "наказывать", то есть "дараба", также может означать не имеющее ничего общего с насилием - "исцелять". Хотя "дараба" может также означать "ударить", правильно понять смысл и силу этого "удара" лучше всего на примере пророка Мухаммада. Пророк объяснил, что если мужчина не в состоянии контролировать свой гнев - несмотря на первые два обязательные ограничения, - любые действия, в том числе и "удар", должны исцелять, и "даже не оставлять следа".

Развивая это положение, пророк Мухаммад ясно предупредил мусульман: "Не бейте своих жен". Он сам подал пример, и никогда не ударял своих жен, демонстрируя словом и делом, что мужчина-мусульманин ни в коем случае не должен причинять вред женщине.

Завершая анализ насилия в семье и причины возникновение насилия в семьи, с точки зрения уголовного и семейного права ислама, нельзя оставить без внимание, необходимостии разработки специальные религиозные положение, посвященного вопросам противодействие внутрисемейным насильственным деянием.

# САРҚОНУНИ ҶТ - ҚОНУНИ УСТУВОР



Дар байни санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатҳои олам Сарқонун мақоми аввалиндараҷаро доро буда, ба сифати пояи мавҷудияти ҷамъият баромад менамояд ва ифодаи расмии манфиатҳои он мебошад. Сарқонуни ҶТ 6-уми ноябри соли 1994 дар шароите омода ва қабул карда шуд, ки дар он, чун дар оина, ҷобаҷогузории қувваҳои иҷтимоӣ ва манфиати ҳамаи қишрҳои ҷомеа инъикоси пурраи худро ёфтанд. Сарқонун чун қонуни асосии ҶТ сарфи назар аз хусусияти "гузаранда"-и худ, аҳамияти бешубҳаи позитивӣ дорад. Он шакли идоракунии президентиро, ки ҳанӯз бо тартиб ва тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи соли 1978 ворид гардида буд, вале 27 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи Шурои Олии ҶТ аз байн бардошта шуд ва бо ҳукмрон гардидани ин санади Олӣ шакли идоракунии президантӣ барқарор гардид.

Таҳлили дақиқи Конститутсияи амалкунанда нишон медиҳад, ки дар он формулаи давлати миллӣ, ки барои давлати муосири Тоҷикистон хос аст, ҷой дорад. Ин, чун қоида, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва шакли идоракунии ҷумҳурӣ доштани давлат аст, ки ин ҳам таърихи ягонаи гузаштаро, ҳам хосиятҳоеро, ки давлати иҷтимоиро ғанӣ менамоянд, ифода мекунад.

Сарқонуни соли 1994 падидаҳои ҳуқуқии демократияи классикиро дар худ ғунҷонидааст. Агар ба монанди ИҶШС дар давлат мафкураи ягона ва ҳокимияти марказонидашуда вуҷуд дошта бошад, мавҷудият ва инкишофи давлати демократӣ ғайриимкон мегардад. Арзишҳои демократияи классикӣ инҳо мебошанд: ҳокимияти халқӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ, волоияти ҳуқуқ ва қонун, афзалияти меъёрҳои байналхалқӣ, бартарияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳимояи ҳуқуққҳои ақаллиятҳои миллӣ, гуногунии шаклҳои моликият, дастгирии соҳибкории хусусӣ, бисёрҳизбӣ, парламентаризм, идоракунии маҳаллӣ ва ғайра.

Муқаррар намудани озодии соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, шаклҳои гуногуни моликият асоси ташкилшавии низоми нави иқтисодӣ гашт ва шароитро барои коркард ва амали барномаҳои ҳукуматии хусусигардонӣ, рушди соҳибкории хурд ва миёна, ворид намудани шаклҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, ташкили ширкат ва муассисаҳои хусусӣ, инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ фароҳам овард. Ин ба Тоҷикистон имконият дод, ки аз иқтисодиёти бозоргонии фармондиҳӣ-маъмурӣ ба иқтисодиёти бозоргонии озод гузарад. Зеро иқтисодиёти бозорӣ таҳкурсии инкишофи муносибатҳои граждани, меҳнатӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ ва ғайра мебошад. Дар натиҷа зарурияти қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кодекси гражданӣ, меҳнатӣ, замин, об ва дигар кодексҳову қонунҳо қабул гардидаанд.

Нахустин маротиба манфиатҳои инсон аз манфиатҳои давлат болотар монда шуд. Шаҳодати он моддаи 5-уми Конститутсияи ҶТ мебошад. Мувофиқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Илова бар ин, боби 2-юми Сарқонун "Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" ном дорад, ки давоми мантиқии гуфтаҳои болост.

Конститутсия як қатор меъёрҳоро пешбинӣ намудаст, ки ҳуқуқи ҷабрдида, гумонбаршаванда, айбдоршавандаро ҳифз менамояд. Ба онҳо меъёрҳое шомил мешаванд, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда ва ғайраро муқаррар мекунанд. Дар он, инчунин меъёрҳое ҷой доранд, ки ҳама гуна шаклҳои табъизро манъ карда, ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии манзил, меҳнат, истироҳат ва дигар ҳуқуқу озодиҳоро муқаррар намуданд. Ин аз ниҳоят демократӣ будани Конститутсияи амалкунанда нисбат ба конститутсияҳои пештара шаҳодат медиҳад.

Барои таъмин намудани адолати судӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нақши мақомоти судӣ хело бузург аст. Бо қабули Конститутсия дар Тоҷикистон мустақилияти ҳокимияти судӣ эътироф шуда, ислоҳоти судӣ шурӯъ гардид. Дар рафти ин ислоҳот дар ҶТ нахустин маротиба судҳои конститутсионӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ, инчунин Шӯрои адлия ташкил шуд ва қонунҳои конститутсионии ҶТ "Дар бораи суди Конститутсионии ҶТ" ва "Дар бораи судҳои ҶТ" қабул шуданд. Бо мақсади таъмини мустақилияти судяҳо муҳлати ваколатҳои онҳо ба даҳ сол ва синну соли сарҳадии ишғоли вазифа то 65 солагӣ баробар карда шуд.

Ҳар сол мувофиқи муқаррароти моддаи 2-и қонуни ҶТ "Дар бораи рӯзҳои ид" 6 ноябр халқи мо Рӯзи Конститутсияро ҷашн мегирад. Соли ҷорӣ бошад, мо аллакай 20-солагии Конститутсияро ҷашн мегирем. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Конститутсияи соли 1994 Сарқонуни устувор буда, вазифаҳои худро пурра иҷро карда истодааст.

**Сафаргул ШОҚУЛОВА**
*мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ*

# ЗАБОНИ КОДЕКСИ



Ардашер Авзалов
ассистенти кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

Ҳар миллату халқият дар ин ҷомеа то замоне арзи ҳастӣ менамояд, ки забони худро пос ва хифз карда тавонад. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон масъалаи забони давлатӣ дар сатҳи Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардида, дар заминаи меъёри мазкур Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатӣ" таҳия ва қабул гардид. Мутобиқи талаботи қонуни мазкур забони коргузорӣ дар тамоми мақомоти давлатӣ, аз ҷумла дар мақомоти қонунгузор, ки фаъолияти он ба таҳия ва қабули қонунҳо равона шудааст, забони давлатӣ махсуб меёбад. Инчунин, забони расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ забони давлатӣ - забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар раванди таҳия ва қабули қонун, яъне амалишавии ҷараёни қонунгузорӣ дуруст, бамаврид, мантиқан пайдарҳам ва аз рӯи қоидаҳои забон мавриди истифода қарор додани калимаҳо ва ибораҳо инъикосгари сатҳу сифати қонун мегардад. Чуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "Воқеан, амалӣ гаштани қонун аз сифати он вобастагӣ дорад. Сифати баланди қонун амалӣ гардидани ҳадафҳои асосии қабул ва самаранокии онро таъмин мекунад". Дар радифи гуфтаҳои боло таҳлилу омӯзиши Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ба ҳайси санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, бағоят муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Забони қонун ин маҷмӯи воситаҳои луғавӣ, синтаксисӣ ва услубие ба шумор меравад, ки бо ёрии онҳо матни қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Бояд қайд намуд, ки забони қонун ин забони адабӣ, яъне забони табиии меъёрӣ буда, ба қоидаҳои имлоӣ, аломатҳои китобатӣ ва грамматикӣ ҷавобгӯй мебошад.

Дар забони муосири тоҷикӣ панҷ услуби забонӣ фарқ карда мешавад: 1) гуфтугӯӣ, 2) илмӣ, 3) расмӣ-коргузорӣ, 4) оммавӣ ва 5) адабӣ-бадеӣ. Ҳар як услуби номбаршуда дорои воситаҳои забонии муайяни бартаридошта мебошанд, ки имконият медиҳанд матни мушаххас то ҳадди муайян ба ин ё он услуби расмии забон шомил карда шавад.

Аксарияти муҳаққиқоне, ки ба масъалаи мазкур изҳори назар кардаанд, забони қонунро ба услуби расмии коргузорӣ марбут донистаанд. Бархе аз дигар олимон бошанд, чунин мепиндоранд, ки забони қонун услуби мустақили забони адабии муосир ба шумор меравад, ҳарчанд чунин мавқеъ илман маъмул нагаштааст.

Услуби расмии коргузорӣ дар навбати худ дорои ду навъ мебошад. Якум, услуби расмии ҳуҷҷатӣ, ки ба он забони дипломатия (ба монанди меморандум, изҳорот ва монанди инҳо) ва забони қонунҳо (худи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ) шомил мешаванд. Дуюм, услуби коргузории муқаррарӣ, ки дар худ услуби ҳуҷҷатҳои коргузорӣ ба монанди боварииномаҳо, аризаҳо ва дигар муросилоти кориро нигоҳ медорад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 200 қонун қабул карда шудааст, ки дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, рушди давлатдорӣ, бахши иқтисодию иҷтимоӣ нақши муассир доранд. Дар ин раванд, бо қабул шудани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ дар кишварамон, дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ як қатор тағйироту иловаҳои хеле муҳим ворид карда шуданд. Бо пайдо шудани институтҳои муосири корбарӣ дар ин соҳа назари навро ба муомилоти илмӣ ва амалӣ пеш оварданд. Дар ин асно нақши муҳимро қабул ва мавриди амал қарор додани Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" дорад, ки дар ба назм даровардани услуби забони қонунҳо хизмат карда истодааст. Аз ҷумла дар моддаи 38-уми қонуни мазкур талаботи забонӣ ба матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст, ки мувофиқи он "матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мухтасар, бо забони содда ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд ва зимни ин услуби расмии забони адабӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ риоя гардад".

Бо дарназардошти талаботи Қонунҳои ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ", "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Кодекси мурофиавии ҷиноятиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, чунин камбудиҳову норасогиҳоро дар мазмуни матни меъёрҳои он ошкор намудем. Дар матни меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар аксар мавридҳо ба чунин хатоҳои забонӣ роҳ дода шудааст. Аз ҷумла:

1. Беасос рӯйбардор кардани истилоҳоти забонҳои хориҷӣ, дар сурате, ки истилоҳи дахлдор дар худи забони тоҷикӣ ҷой доранд. Масалан, истилоҳи "оперативӣ". Дар забони тоҷикӣ истилоҳи мувофиқи он дар намуди "фаврӣ" арзи ҳастӣ дорад, ки мо метавонем дар матни кодекс пурра онро истифода намоем. Дар миёни олимон ва кормандони амалӣ ақидае мавҷуд аст, ки ин истилоҳ дар қонуни соҳавӣ ҳамчун "оперативӣ" пешбинӣ шудааст ва мо бояд мутобиқи талаботи он амал намуда, ин истилоҳро бе тағйир дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ намоем. Ба андешаи мо, дар қонуни соҳавӣ бо чунин тарз пешбинӣ гардиданаш ва онро ҳамчун асоси истифодабарӣ пешгӯйи кардан, умуман асоси дахлдор надорад. Бинобар ин моро зарур аст, ки дар матни меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ тамоми истилоҳҳои "оперативи"-ро ба истилоҳи "фаврӣ" иваз намоем. Ба монанди ин, боз истилоҳи "преюдитсия"-ро низ номбар кардан мумкин аст, ки мо метавонем пурра онро бо забони давлатӣ дар матни кодекс инъикос намоем. Ивазкунандаи айнии истилоҳ дар базаи луға-

# НАЗАРИЯИ ҶАВОБГАРИИ ФАРДӢ ВА МУКАЛЛАФОТ ДАР ОСОРИ ҶОМӢ



Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз бузургтарин мутафаккирони тоҷику форс аст, ки бо офаридани осори пурмазмунаш дар бою рангин гардонидани ганҷинаи фарҳангамон нақши босазое гузоштааст. Ӯ аз ҷумлаи бузургоне махсуб меёбад, ки дар баробари андешаҳои ахлоқӣ-маънавӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ низ ибрози назар кардааст.

Андешаҳои ҳуқуқии Ҷомӣ дар ашъори ҷудогонаи шоир ва қасидаҳои ӯ новобаста аз мавзӯи қасида ҷо-ҷо вомехӯранд. Шоир дар ин абёт оид ба ҳазар кардан аз навҳаи мазлумон, оид ба баробар набудани комилу ноқис, нақши тарбия дар камолоти инсон, ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон ва эҳтиёт намудан дар таъини ҷазо, ба мансабҳои давлатӣ таъин кардани шахсони кордону донишманд ва ҳангоми таъин ба чунин вазифаҳо ҷудо кардани комил аз ноқис ва ғайра сухан ронда, мавқеи адолатпарварии худро бармало мекунад. Чунончи дар қасидаи "Ҷилоур-рӯҳ" ашки зулмдидаро баробар ба тӯфони Нӯҳ пайғомбар тасвир карда, чунин менигорад:

*Ҳазар кун, эй авон, аз навҳаи*
*мазлуму ашки ӯ,*
*Ки метарсам кунад кори*
*дуои Нӯҳу туфонаш.*
*Битарс аз новаки оҳе, ки то*
*безад боло бар ту,*
*Кунад гирбол чархи чанбариро*
*захми пайконаш.*
*Равад нақби дуоии зулмкаш,*
*то зулмҷӯ дар худ*

Бувад хандақ муҳити чарху қалъа авҷи кайвонаш. (А.Ҷомӣ. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди якум: Девони аввал "Фотиҳатуш-шубоб". Душанбе: Ирфон, 1986. саҳ.29-30).

Дар қасидаи "Луҷҷат-ул-асрор" Ҷомӣ оид ба баробар набудани комилу ноқис дар анҷоми умур андешаронӣ намуда, назарияи нобаробарии мукаллафу номукаллафро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст. Чунончи:

*Комилу ноқис на яксонанд*
*дар қатъи умур,*
*Он чи аз шамшер меояд на*
*ҳадди ханҷар аст.*
*(Ҳамон ҷо саҳ.36).*

Аз қасидаи мазкур ду андеша ҳосил мегардад:

1) Ҷомӣ дар таъин ба мансабҳо ва умури давлатӣ тарафдори шахсони кордону боҳирад аст. Чунин одамонро ӯ бо номи комил ном мебарад. Маҳз инсони комил бояд дар анҷоми корҳои давлатӣ масъул бошад. Ҳуқуқи қабули қарорро низ бояд инсони комил дошта бошад;

2) Ҳангоми ба ҷавобгарӣ ҷалб кардани инсон бояд комилӣ ва ноқисии ӯ (ба маънои имрӯзааш мукаллафӣ ва номукаллафии ӯ) муайян карда шавад. Зеро комилу ноқис ё мукаллафу номукаллаф баробар набуда, комил анҷоми амалҳои худро дарк мекунад ва ноқис чунин имкониятро надорад. Аз ин рӯ, қобилияти амалкунии онҳо баробар нест ва ҷавобгариву қобилияти деликтии онҳо низ бояд яксон набошад.

Ҷомӣ баръакси Фирдавсӣ ва Саъдӣ, ки гавҳару бунёди шахсро асос ҳисобида, тарбиятро дар шахсони бадгавҳар бефоида донистаанд, баромада, тарбиятро омили асосии ислоҳи ҷомеа медонад.

Масалан:

*Ба нопокзода мадоред умед,*
*Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.*
*Фирдавсӣ*
*Партави некон нагирад ҳар кӣ*
*бунёдаш бад аст,*
*Тарбият ноаҳлро чун гирдакон*
*дар гунбад аст.*
*Саъдӣ*

Дар давоми қасида Ҷомӣ ба масъалаи тарбия дахл карда, қайд мекунад, ки танҳо инсони нек шахсро тарбия менамояд. Воқеан, шахси тарбиятдида ва қуръонхон (ишора ба уммулкитоб) наметавонад ҷиноятқор бошад. Ин ақидаи Ҷомӣ тасқини ботинист, ки роҳи ҳалли масъала аст, яъне нишон додани роҳи пешгирии ҷиноят бо роҳи тарбия:

*Хӯи некӯ гирад он, к-аз нек*
*ёбад тарбият,*
*Шири ҳикмат нӯшад он,*
*к-уммулкитобаш модар аст.*
*(Ҳамон ҷо, саҳ.36).*

Давоми андешаи боло шоир аз субъекти умумӣ ба субъекти махсус мегузарад, яъне аз шахсон ба қазоваткунандагон рӯ меорад ва дар ин ҷо низ дар мавқеи ахлоқии худ устувор мемонад. Ҷомӣ афзуда медорад, ки дар ҳама давру замон масъалаи фарқ кардан миёни гунаҳгору бегуноҳ, ҷазо додани гунаҳгор ва озод кардани бегуноҳ, пешгирии ҷазо додани шахси бегуноҳ ва ғайра мавриди муҳокимаи бузургони тоҷику форс қарор дошт. Ҷомӣ ин андешаро тақвият дода, пешниҳод мекунад, ки ҷазо додани шахс ё чунин қарор қабул кардан бояд дар ҳеҷ маврид аз рӯи ҷаҳолат набошад:

*Бегуноҳеро ба ҷурми дигаре*
*аз рӯи ҷаҳл*
*Сарзаниш кардан на расми*
*оқили донишвар аст. (саҳ.36).*

Аз мазмуни ин абёт, инчунин ғояи ҷавобгарии фардӣ бармало зоҳир мегардад. Ба андешаи Ҷомӣ ҳар шахсро барои гунохе, ки худаш содир кардааст, ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст. Барои

вии забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Аммо ба моҳияти институти мазкур назар намоем, пас маълум мешавад, ки сухан дар бораи эътироф намудан ва мавриди баҳс қарор надодани санади судии қаблан баровардаи суд мебошад, ки ба ҳодисаи нав, ки тафтиш ва ё мавриди баррасии судӣ қарор дорад, дахл дорад. Преюдитсия аз истилоҳи лотинии "praejudicialis" гирифта шуда маънояш "ба санади судии қаблӣ дахл доштан", "дар асоси қарори қаблӣ вогузор кардан" ва ё "қаблан муқаррар (ҳал) шуда" мебошад. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки номи моддаи 88 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, ки "Преюдитсия" ном дорад ба номи "Истисно аз исботкунӣ" иваз карда шавад.

2. Нодуруст муайян ва инъикос намудани категорияҳои грамматикии модалӣ. Масалан, истилоҳҳои "зимни" дар матни қисми 2 моддаи 35, "сурат" дар матни қисми 4 моддаи 39, "ризои" дар матнҳои қисми 2 моддаи 13, қисми 1 моддаи 28, қисми 2 моддаи 109 пешбинишуда ва монанди инҳо истилоҳҳотро номбар кардан мумкин аст. Муаммо дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба талаботи услуби расмӣ-коргузории забон, ин категорияи грамматикӣ мазмуни нутқро ба воқеият ифода намуда, ба воситаи сиға, оҳанг, ибораҳои туфайл ва ғайраҳо мазмуни матни меъёрро тавсифи дахлдор медиҳанд. Дар ин маврид мазмуни қисми 1 моддаи 28 пурра ба услуби забони қонун мувофиқат намуда, дар он истилоҳи "розигӣ" мувофиқати айнӣ пайдо менамояд. Дар ниҳоят мантиқи меъёр бо чунин ибораҳо ба монанди "розигии прокурор", "розигии айбдоршаванда" ва ғайраҳо задаи дуруст пайдо мекунад.

# МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

3. Нодуруст муқаррар кардани муносибати мантиқӣ-семантикии миёни мафҳумҳо. Масалан, ибораи "ба ҷавобгарӣ кашидан" дар матни кодекс бениҳоят фарох истифода гардида, мазмуни аслии ҳодисаи омӯхташаванда ва ё амали татбиқшавандаро ғалат инъикос менамояд. Ба мазмуни моддаи 2 назар намоем пас дар он мушоҳида менамоем, ки мазмун чунин аст "ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда". Моҳияти масъала дар он аст, ки ҳангоми истифодаи истилоҳи мазкур, ба истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбат ба инсон ва ё маҷбурсозии ҳатмии ӯ ишора карда мешавад. Ҳол он ки таъиноти асосии мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ин дар ҳар ҳолат ҳимоя намудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Ба ҷавобгарӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда вазифаи муфаттиш ба шумор меравад, ки ӯ худ ҳамчун инсон бояд бо айбдоршаванда ҳамчун инсон, муомилаи баланди маънавӣ зоҳир намуда, охиринро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд "ҷалб" намояд. Дар ниҳоят пешниҳод карда мешавад, ки дар мазмуни тамоми меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба ҷои ибораи "ба ҷавобгарӣ кашидан" ибораи мувофиқи он дар намуди "ба ҷавобгарӣ ҷалб кардан" пешбинӣ карда шавад. Дар ин замина мазмуни воқеӣ ва аслии амали мурофиавӣ дар намуди "ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахси ҷиноят содиркарда" инъикос мегардад.

4. Мавҷуд набудани таърифи мафҳуми институтҳои асосие, ки бартарияти қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро нишон медиҳанд. Масалан, таърифи институтҳои "воқеан дастгир кардан" ва "мубоҳисавӣ", ҳол он ки механизми татбиқи институтҳои мазкур дар кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, чи дар намуди принсип ва чи дар намуди қоидаҳои асосии пешбурди мурофиа пурра дарҷ ёфтаанд. Дар ин замина моро зарур аст, ки ин ва дигар истилоҳҳои муҳимро дар мазмуни моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ намоем.

5. Тавсияи носаҳеҳ доштани баъзе аз меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ. Масалан, истилоҳи "амал"-и мурофиавӣ дар як меъёр ҳамчун "амал" ва дар меъёрҳои дигар ҳамчун "ҳаракат" пешбинӣ карда шудааст. Ин ҳолатро барои мисол дар мазмуни меъёрҳои қисми 1 моддаи 153 ва қисми 3 моддаи 41 мушоҳида кардан мумкин аст. Пешниҳод карда мешавад, ки мазмуни тамоми меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки истилоҳи "ҳаракат"-ро ҷой додаанд, ба истилоҳи "амал" иваз карда шаванд.

6. Суиистифода намудани тафсири (дефиниция) истилоҳҳо, яъне калима ва иборабандиҳои беҳад абстрактивӣ, номуайян ва норавшан, ки дар ҷараёни тафсирдиҳӣ гуногун ва ҳатто муқобилмаъно шарҳ дода мешаванд. Масалан, "шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя" омадааст дар сархати 14 қисми 4 моддаи 47, ҳол он ки чигуна фаҳмидан ва муаррифӣ кардани таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя дар меъёри дахлдори конунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар меъёрҳои дахлдор, ки будани ин субектон пурра инъикос гардидааст, яъне онҳо бе шарҳи иловагӣ муайян мебошанд. Барои мисол меъёри моддаҳои 6, 36 ва монанди инҳоро номбар кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, мавриди омӯзиши Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз нуқтаи назари талаботи забон ва сифат мо ба як қатор камбудиву норасогиҳо рӯ ба рӯ шудем. Моҳиятан назар намудан ба ин масъалаҳо, ки ба мазмуну мундариҷаи қонунгузорӣ дахл доранд, моро вазифадор менамояд, ки сари масъалаи тақвият додан ва ташаккул додани мазмуни забонӣ, ки дар услуби он зоҳир мегардад аншедаи дахлдор намоем. Чунки сифати забонии меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳолати аниқ, дуруст ва яхкела дарк кардани онҳо мусоидат менамояд.



Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ*

ин гуноҳ дигар шахсро набояд ҷавобгар кард, зеро ҳар кореро сабабест ва барои ёфтану муайян намудани ин сабабҳо сарчашма ва маншаи онро дида тавонистан зарур аст, ки айни замон бо номи изи ҷиноят машҳур аст:

*Сифла гар хиҷлат кашад,*
*з-осори феъли худ кашад,*
*Гулханиро рӯ сиёҳ аз дуд*
*ё хокистар аст.*
*(саҳ.37).*

Назарияи ҷавобгарии фардӣ аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маншаъ мегирад. Зеро Куруш низ дар соли 594 пеш аз мелод эълон дошта буд: "Ман эълом мекунам: ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад ва ҳеҷ касро набояд ба ангезаи ин ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар касе аз дудмон ё хонаводае хилоф кард танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигарон коре нест".

Ҷомӣ бо якчанд пешниҳод ё илова ин андешаро тақвият дода, аз рӯи ҷаҳл қазоват карданро маҳкум кардааст. Чунончи ӯ хато накарданро дар татбиқи принсипи ҷавобгарии фардӣ шарти асосии касбияти доварон медонад. Ӯ қозиро бо ибораи "оқили донишвар" ифода карда, барои расидан ба ин мақом шарти асосиро дар қазоват накардани бегунох "аз рӯи ҷаҳл" мебинад. Истифодаи калимаи оқил, ки давоми мантиқи "инсони комил", яъне мукаллаф аст, меҳвари назарияи мукаллафӣ ва номукаллафиро ташкил медиҳад.

Агар ба таърихи инкишофи назарияи мукаллафӣ ва номукаллафӣ назар афканем дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба пайдоиши он фикри ягона мавҷуд нест. Баъзе аз олимон бавуҷудоии онро ба асри 19 ва бархеи дигар ба Русияи то петровӣ рост медонанд. Дар давлатҳои Аврупои асримиёнагӣ ва Рими қадим низ номукаллафӣ ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардид. Ба андешаи мо назарияи мукаллаф ва номукаллафиро на дар Рими қадим, на дар Русия, на дар Аврупо ва на дар асри 19 , балки шоирони классики тоҷик дар заминаи таълимоти дини ислом, аз ҷумла Ҷомӣ, дар замони худ, яъне асри 15 пешниҳод карда буд. Зеро мувофиқи манобеи таърихӣ бори аввал дини ислом номукаллафон, махсусан гирифторони бемории рӯҳиро аз ҷавобгарӣ озод намуд. Ин ақида минбаъд инкишоф ёфта дар ашъори шоирони баъдӣ низ мушоҳида мегардад, чунончи:

*Девонаро Худой нагирад зи*
*баҳри ҷурм,*
*Эй шаҳ, ту зилли Худоӣ,*
*ту ҳам мағир!*
*Ҳозиқ*



## САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ - РОҲИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

Фаровон будани сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба таърихи геологии ин сарзамин сахт вобаста аст. Сарватҳои зеризаминӣ аз такшинҳои давраи мезозой ва кайназой ҳосил шудааст ва аз сарватҳои маъданӣ (сурб, руҳ, нуқра, сурма, тилло, волфрам), ғайри маъданӣ (ангишти бур, ангиштсанг, нефт, азокерит, гази табиӣ, фосфорит, намаксанг, маснуоти гуногуни сохтмон, обҳои маъданӣ) иборатанд. Дар тӯли солҳои собиқ ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон 70 намуди сарватҳои зеризаминии маъданию ғайримаъданӣ кашф ва тақрибан 400 кон ошкор гардида буд. Дар айни ҳол аз 100 кон қариб 40 навъи ашёи хоми маъданӣ мегиранд. Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон ба 3 навъ ҷудо мешаванд: сӯзишворию энергетикӣ, маъданӣ ва ғайримаъданӣ. Ба сарватҳои сӯзишворию энергетикӣ бӯр, ангиштсанг, торф вараҳсангҳои сӯзанда, нефт ва гази табиӣ мансуб мебошанд. Захираҳои калони ангиштсанг дар Тоҷикистони марказӣ ва Тоҷикистони ҷанубишарқӣ ҷой гирифтаанд. Дар ҷумҳурӣ тақрибан 35 кони ангиштсанг маълум аст, ки аксарияти онҳо аҳамияти саноатӣ доранд. Аз ҷумла Уроб, Фону Яғноб, Моғиён, Назарайлоқ ва ғайра. Аксари онҳо дар ноҳияҳои баландкӯҳи душворгузар ҷой гирифтаанд, аз ин сабаб сарфи назар аз сифати баланди ангиштсанг, истеҳсоли саноатии онҳо ба роҳ монда нашудааст. Масалан, ангишти кони Фону Яғноб 840 млн.т. захира дораду сифати баланд, вале аз сабаби набудани роҳ ниҳоят кам истифода мешавад. Конҳои нефт ва газ дар ҳудуди Фарғонаи ғарбӣ (КИМ, Нефтобод, Равот ва Айритан) ва Тоҷикистони ҷанубӣ (Кичикбел, Оқбатодир, Қизилтумшуқ ва Шамбарӣ) воқеъ гардидаанд. Захираи нефт ва гази Тоҷикистон зиёд нест. Дар кӯҳҳои Қарамазор конҳои сершумори маъданҳои полиметаллӣ (рӯҳ, сурб) металҳои нодир (кадмиё, висмут, полибден, волфрам) ва асил (плинка, нуқра) ошкор шудаанд. Дар ин мавзеъ кони оҳани Чоқадамбулоқ кашф гардида, дар кӯҳҳои Ҳисору Олой маъдани волфрам (Майхура), сурма ва симоб (Ҷиҷикруд), Қавнуқ, Кончон шпати саҳрой (Такоб) ва ашёи хом барои саноати алюминий кони Турнӣ ёфт шуд. Аз ҷиҳати захираи сурма ва симоб Тоҷикистон дар Осиёи Миёна яке аз ҷойҳои намоёнро мегирад. Сарватҳои зеризаминии Помир ҳанӯз чандон хуб омӯхта нашудаанд. Сарватҳои зеризаминии ғайримаъданӣ (асбест, абрақ, азокерит, фосфорит, намаксанг, масолеҳи сохтмон) дар Тоҷикистон хеле зиёданд. Зиёда аз 50 кони намаксанг (Хоҷа Мӯъмин, Хоҷа Сартез, Оқсуқон, Тошбулоқ, Танобчӣ) ёфт шудааст. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз сад кони масолеҳи сохтмонӣ ба қайд гирифта шудааст, ба монанди: гил, оҳак, гаҷ, роҳҳои кварсдор ва ғайра. Аз масолеҳи сохтмон бахусус сангҳои ороиш (хоросанг, мармар, доламит) дар қаторкӯҳҳои Ҳисору Қурама ва Помир мавҷуданд, ки аҳамияти қалон доранд. Ба андешаи мо яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар ин коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи самараноки онҳо мебошад.

Баҳодури БАХТИЁР
*донишҷӯи соли 5, (МБХ)*

# ЧӢ ГУНА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНРО БАЛАНД БАРДОРЕМ?



**Дониёр САНГИНОВ**
*мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат*

Дар ҳаёти ҳаррӯза ҳамаи мо доимо ба ҳайси истеъмолкунанда баромад мекунем, яъне мол ва маҳсулоти хӯрокворӣ зарурӣро харидорӣ мекунем, ба ташкилотҳои хӯроки умум меравем, дар нақлиёт сафар мекунем, аз хизматрасонии комуналӣ ва тиббӣ истифода мебарем ва ғайра. Дар баробари ин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки ҳуқуқи мо поймол карда мешавад ва ҳеҷ кас аз ин ҳолат суғурта карда нашудааст. Барои он, ки худро ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳоямон ҳимоя намоем, бояд ҳуқуқҳои худро донем.

Аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" (9 декабри соли 2004) нуҳ сол гузаштааст. Дар ин мӯҳлат судҳо ва мақомоти махсуси давлатии ваколатдори ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунадон таҷрибаи ғанӣ ба даст оварданд. Ин шаҳодати он аст, ки муқаррароти асосии Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" таъминкунандаи ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқҳои заминавии истеъмолкунанда мебошанд. Аз қабили: ҳуқуқ ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ), интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ), сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ), ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст, ҳимояи ҳуқуқҳои худ, таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон, пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ва ғайра.

Барои устувор намудан ва дар амал татбиқ гардидани меъёрҳои қонуни мазкур дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 июни соли 2005, №209 "Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" Номги намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонӣ тасдиқ карда шудааст.

Бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" муносибатҳои муҳим ва принсипиалии байни истеҳсолкунанда, фурӯшанда, иҷрокунанда, ташкилоти аз ҷониби истеҳсолкунанда ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродӣ аз як тараф ва шаҳрванд - истеъмолкнунанда аз тарафи дигар танзим карда мешавад. Мақсади асосии қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон устувор намудани механизми таъминкунандаи ҳуқуқи шахрвандон дар бозори истеъмолӣ аст.

Моддаи 4 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ба таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда бахшида шудааст. Ҳуқуқ доштани истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо роҳи ба барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дохил намудани масъалаҳо оид ба асосҳои дониши истеъмолӣ (матлуботӣ) ва ҳамчунин бо роҳи ташкили системаи огоҳонии истеъмолкунанда аз ҳуқуқҳояш ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва маркази онҳо маҳсуб мешавад. Аз сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, дар ниҳояти кор сатҳи риоя шудани ҳуқуқҳои онҳо дар ин самт вобаста аст. Сатҳи нокифоя ё пасти маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда бошад, яке аз омилҳои поймол гаштани ҳуқуқҳои онҳо дар ин бахш мегардад. Амалия шаҳодат медиҳад, ки маърифатнокии аксарияти истеъмолкунандагон дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Аз чунин вазъ истеъмолкунандагон ва фурӯшандагони бевиҷдон сӯистифода намуда, ошкоро ё пардапӯш ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол мекунанд. Яке аз роҳу усулҳои асосӣ ва босамари маърифатноккунонӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, дар стандартҳои давлатии таълим, нақша ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ (мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳу колеҷҳо, мактаби олӣ) пешбинӣ намудани таълиму тадриси курсҳои дахлдор оид ба асосҳои дониши матлуботӣ, маҳсуб мешавад. Дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар доираи фанҳои таълимии "Ҳуқуқи соҳибкории ҶТ", "Ҳуқуқи сайёҳии ҶТ", "Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии ҶТ" ва фанҳои дигар ба донишҷӯён мавзуҳои алоҳида оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дарс гуфта мешавад. Барои донишҷӯён аз ин фанҳо китоб ва воситаҳои таълимӣ омода гардидааст. Дар баробари маводҳои методӣ аз ҷониби устодони кафедра Тафсири Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" дар ҳаҷми 200 саҳифа аз чоп барорварда шуд, ки мақсад аз он баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истеъмолкунандагон аст. Тафсир ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" барои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии дар муносибатҳо ҳангоми фуруши мол, иҷрои кор, расонидани хизмат ширкаткунанда пешбинигардида, метавонад ба ҳайси китоби руйимизии истеъмолкунанда дар ҳаёти ҳаррӯза хизмат кунад. Тафсири мазкур ҳуқуқ ва уҳдадории истеъмолкунандаро доир ба харидории мол (кор, хизматрасони)-и сифати матлуб барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда бехатар, гирифтани иттилоот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) ва дар бораи истеҳсолкунандагони он (иҷрокунандагон, фурӯшандагон), ҳимояи давлатӣ ва ҷамъияти манфиатҳои онҳо, инчунин механизми амалинамоии ин ҳуқуқҳоро шарҳ медиҳад.

Нақши муҳим дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва амалҳои баҳри ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳояшон дахлдор ва зарурӣро воситаҳои ахбори умум (радио, телевизион, рӯзномаю маҷалаҳо) мебозанд.

Дар ҷодаи маърифатнок кардани истеъмолкунандагон саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо низ бояд зикр намуд. Иттиҳодияҳои мазкур метавонанд ва муваззафанд корҳои зиёдеро баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон анҷом диҳанд (вохурӣ, мусоҳиба ва сӯҳбатҳои рӯ ба рӯ бо истеъмолкунандагон, сӯҳбатҳо ва мусоҳибаҳо тариқи радио ва телевизон, ташкили мизҳои мудаввар, нашри мақолаҳо, лавҳа, китобчаҳо ва анҷоми дигар корҳо).

Тибқи моддаи 3 қонун истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад: ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он; ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ); ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ); ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ); ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст; ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ; ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон; ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда). Мову шумо дар мавриде, ки ният дорем мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро фармоиш диҳем ё харидорӣ намоем, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намоем, ба ҳайси истеъмолкунанда баромад менамоем ва ҳуқуқҳои зикршуда ба мо таалluқ дорад.

Барои хонандагон мехостам мисоли мушаххас биёрам. Масалан истеъмолкунанда Некмони Шомаҳмад аз мағозаи "Синон" компютери ҳамроҳ (Нотбук) харидорӣ намуд. Дар ҳуҷҷати кафолати компютер мӯҳлати он 3 сол нишон дода шудааст. Баъд аз 3 моҳ компютер аз кор баромад. Дар ин маврид Некмони Шомаҳмад ҳуқуқ дорад ба мағозаи "Синон" муроҷиат намуда, талаб кунад, ки моли дорои сифати номатлубро фурӯшанда ба моли дигари ҳамин хел тамға (модел, артикул) ё ба ҳамон хел моли тамғаи (модели, артикули) дигар бо ҳисобу китоби дахлдори нархи хариди мол иваз кунад; нуқсони молро бемузд бартараф намуда ё маблағе, ки барои ислоҳи он аз ҷониби истеъмолкунанда ё шахси сеюм харҷ шудааст, ҷуброн кунад; шартномаи хариду фурӯшро бекор кунад; нархи хариди молро мутобиқан кам кунад. Ҳамзамон Некмони Шомаҳмад ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи фурӯхтани компютери дорои сифати номатлуб ба ӯ расидаро талаб намояд. Агар мағозаи "Синон" исбот карда тавонад, ки моли дорои мӯҳлати кафолат баъди фурӯхтан ба Некмони Шомаҳмад бо сабаби қоидаҳои истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ё интиқоли онро риоя накардани ӯ ва бинобар, амалҳои шахсони сеюм ва ё қувваи рафънопазир нуқсон пайдо кардааст, ҷавобгар намебошад. Дар ин ҷо саволе пайдо мешавад, ки кадом истеъмолкунанда чунин амалро анҷом медиҳад. Ба андешаи мо он шахсе, ки маърифатнокияш дар бахши ҳуқуқи истеъмолкунанда баланд аст, донишҳои матлуботии кофӣ дорад. Боқӣ, қазоват бар Шумо!

# БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАНОНУ МАРДОН - ОМИЛИ ПЕШРАВИИ ҶОМЕА

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занон ва мардон аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо баробар истифода мебаранд. Таъмини рушди ҳаматарафаи занон дар ҳаёти сиёсиро Конститутсияи ҶТ кафолат медиҳад. Чунончи, қисми 2-и моддаи 17 Конститутсияи ҶТ эълон медорад: мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Аз ин бармеояд, ки Сарқонуни ҶТ ҳуқуқу озодиҳои занонро баробари ҳуқуқу озодиҳои мардон эътироф ва ҳимоя мекунад.

Бояд қайд кард, ки ҶТ яке аз аввалин давлатҳоест, ки дар маҳдудаи собиқ Шуравӣ Конвенсияҳои байналмиллалӣ "Дар бораи барҳам задани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон" ва "Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон"-ро тасдиқ намудааст. Дар таъмини иштироки васеи занон дар ҳаёти ҷомеа ва идоракунии давлатӣ Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имконияти баробари амалигардонии онҳо" аҳамияти калон дорад.

Мувозинати гендерӣ ин баробарии мардону занон дар тамоми бахшҳои ҳаёт: иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Сиёсати гендерӣ ё сиёсати баробарҳуқуқӣ танҳо масъалаи занон нест. Он масъалаи тамоми ҷомеа, шарту рушди бебозгашти он мебошад. Барои амалӣ намудани сиёсати гендерӣ ба ин кор ҷалб намудани занон ва иштироки ҳатмии онҳо дар ҳамаи он барномаҳое зарур аст, ки ба ҳуқуқи онҳо алоқаманд аст. Зеро, амалан худи занон медонанд, ба онҳо дар кадом бахш ҳуқуқу озодиҳо зарур аст.

Худи маънои баробарӣ бисёрпаҳлӯ буда, маънидодро талаб менамояд. Баробарӣ маънои баробарии ҳамаро дар назди қонун дорад, ки унсури зарурии демократия мебошад.

Нуқтае назаре низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он баробарӣ ҳамчун муомилоти якхела бо ҳамаро ифода менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳамаи одамон баробаранд ва бояд нисбат ба якдигар муносибати якхела ва бародарвор дошта бошанд. Баробарии мардону занон ва эҳтироми байни ҳамдигарии онҳо дар оила ва ҷомеа кафили хушбахтии оила ва рушди ҷомеа мебошад. Зеро таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки занон низ дар пешрафии ҷомеа аз мардон кам нестанд ва дар баъзе мавридҳо қувваи зеҳнии занон аз мардон дида зиёдтар аст.

**Гулов Сунатулло**
*донишҷӯи соли 2,*
*идораи давлат ва ҳуқуқ*



# ҲАДИСҲО ВА ҒОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Ҳадис аз нигоҳи луғавӣ ба маънои сухан ва гуфтугӯ буда, дар истилоҳи шаръӣ иборат аз қавл ё феъл ё таъкид ва тақрире, ки аз Пайғамбар (с) ривоят шудааст. Ҳадис ба ин маъно мутародифи суннат аст. Дар таърифи зикри тақрир гузашт, яъне тақрир гуфтан иборат аз ин аст, ки Пайғамбар кореро дида ё шунида ва онро инкор накардааст.

Уламо аз лиҳози сиҳат ва заъф ҳадисро ба се қисм тақсим кардаанд: 1. Саҳеҳ; 2. Ҳасан. 3. Заиф.

Саҳобагоне, ки бисёртар аз Пайғамбар ҳадис ривоят кардаанд, инҳо мебошанд: Абуҳурайра, Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб, Анас ибни Молик, модари муъминон Оиша, Абдуллоҳ ибни Аббос, Ҷобир ибни Абдуллоҳ, Абӯсаиди Худрӣ ва ғ.

Вобаста ба мазмуни ҳадис, ки ба чи муносибат гуфта ва бахшида шудааст, мумкин аст онҳоро ба ҳадисҳои ҳуқуқӣ, динӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ғайра ҷудо кард. Нақши ҳадисҳо дар бунёди консепсияи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар шаклҳои гуногуни мавҷудияти он, ба мисли фарзанд, хеш, ҳамсоя, ғулом, фақир, мискин, бегонагон, барҷомондагон ва ғайра беғоят бузург аст. Ҳадисҳо як консепсияи махсуси инсондӯстиро ба вуҷуд меоранд. Ҳурмату эҳтироми падару модар, ҳимояи ҳаққи онҳо, гузоштани биҳишт зери пои модарон ва баланд будани амри падар аз ҳамаи ҳукмҳои дигар дар ҳадисҳо мақоми хосаро ишғол намуда, ҳимояи ҳаққи фарзандон ва тарбияи онҳоро ба зимаи падару модар гузоштаанд. Ҳадисҳо ҳимояи ҳаққи бепарасторон ва ятимонро низ чун гурӯҳи махсуси одамон, ки эҳтиёҷ ба кӯмаку ниёз доранд, ба миён гузоштаанд. Умуман ҳадисҳо зидди ҳамагуна бадахлоқӣ ва ноахлӣ буда, дашноми ҳамдигарро чун амали зишт ва номуносиби муъмин маҳкум менамоянд.

Дар қисми зиёди ҳадисҳо баробарию бародарии бардаву озод, аҷамию араб дида мешавад. Ин аввалин муборизаи ҳадисҳо ва гӯяндаи онҳо Ҳазрати Муҳаммад (с) зидди бардагӣ буд. Дар низоми ҳуқуқии то исломӣ дар нимҷазираи Араб ва Осиёи Миёна сарчашмаҳои ғуломшавӣ бениҳоят зиёд буданд. Ҳадис чун қисмате аз низоми ҳуқуқии нав ба маҳдуд кардани мабонии ғуломшавӣ низ даст зад. Аз ҷумла, ғуломшавӣ бо роҳи қарзӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Ҳадис дар ин масъала чун Қуръон рибо, яъне судхӯриро ҳаром ҳисобида, як манбаи ғуломшавиро баст. Ҳадис на танҳо муборизаи мусолиматомез бо бардагӣ, инчунин бо роҳи тарбияи маънавии бардагону соҳибони онҳо кӯшиши паст намудани шиддату мухолифати онҳоро ба миён гузошт.

Инсон дар ҳамагуна мавридҳо мавзӯи ҳифзи ҳуқуқии ҳадисҳо ба шумор рафтааст. Дар ҳадисҳо сафҳае ёфтан душвор аст, ки дар он роҷеъ ба ҳурмату эҳтироми инсон, худдорӣ аз ранҷонидани инсон, фазилатҳои некӣ бо инсонҳо сухане нарафта бошад. Ҳимояи инсон, инсондӯстӣ, адолатпарварӣ ва ғайра дар ҳадисҳо нақши хосса доранд.

Замоне, ки Ислом зуҳур карда, бетартибию бенизомӣ ва беҳуқуқии қисме аз табақаҳо аз қабили занон, ятимон, мусофирон, аҷнабиён ба ҳадде расида буд, ки он рӯзгорро чун даврони воқеии ҷоҳилӣ муаррифӣ менамуд. Аз ин рӯ, ҳадис чун қисме аз шариат дар роҳи решакан намудани пояҳои хушунат, беҳуқуқии занон (зинда гӯронидани духтар) ва ятимон мубориза бурда, ба тарбияти маънавию ҳуққуқии ҷомеа даст зад. Меъёрҳои инсондӯстии ҳадисҳо дигаргунӣ ва беҳбудии ҳаёти ҷомеаи онрӯза ба шумор мерафт. Меъёрҳои ҳуқуқии ҳадисҳо манбаи пурғановату хазинаи бузурги таълимоти инсондӯстӣ буда, чун арзишҳои башарӣ қодиранд барои наслҳои имрӯзаю оянда дар ҳолатҳои зарурӣ хизмат кунанд.

Дар ҳадисҳои зерин оид ба ҳуқуқи занон бар мардон, ҳуқуқи ҳамсоядорӣ, ҳаққи мусалмон болои мусалмон, ҳуқуқи оиладорӣ сухан меравад.

Дар ривояте аз имом Муслим омадааст: "Мусалмон болои мусалмони дигар шаш ҳақ дорад: агар бо ӯ рӯ ба рӯ, бар вай салом бидеҳ, агар туро даъват кунад, даъвати ӯро қабул кун, агар аз ту маслиҳат бипурсад, ӯро маслиҳат бидеҳ, агар атса занад ва Худоро ҳамду сано гӯяд, бо лафзи (ярҳамукаллоҳ) ӯро ҷавоб бидеҳ, агар бемор шавад, ӯро айёдат бикун ва агар бимирад аз паси ҷанозаи ӯ бирав".

Аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят аст, ки Пайғамбар фармуданд: "Ҳар яки шумо ба манзалаи чупонед ва ҳар кадоматон масъулу ҷавобгар аз раияти (чупонӣ)-и худ ҳастед ва ҳоким масъул аст, мард сарпараст ва масъули (хонаводаи) худ аст ва зан бошад, сарпарасти хонаи шавҳар ва аз сарпарастии худ масъул аст ва ҳар яки шумо ба манзалаи чупонед ва ҳар кадоматон масъулу ҷавобгар аз сарпарастии худ ҳастед".

Дар ин ҷо фаҳмида мешавад, ки ҳар як мард масъул ва вазифадор аст, ки амнияти ва озуқаву шароити беҳтаринро барои оилаи худ таъмин намояд, зан бошад, дар хона бояд ба таълиму тарбияи фарзанд вақти худро бипардозад, то аз ин оила фарзанди солим ба камол бирасад. Қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияти фарзанд" давоми мантиқии ин гуфтаҳост. Зеро мувофиқи ин қонун ҳар як падару модар масъул аст, ки фарзанди худро таълиму тарбия намоянд.

Маълум мешавад, ки ҳадис натанҳо сарчашмаи динӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ, балки сарчашмаи ҳуқуқӣ низ ҳаст. Хусусияти ҳуқуқӣ доштани ҳадис нақши онро дар байни дигар манбаҳои дини Ислом дучанд кардааст. Ҳадис ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷа баъд аз Қуръон ба шумор меравад. Давлатҳои исломӣ дар идоракунии давлат ҳадисро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Чунончӣ дар Арабистони Саудӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ Қуръон ва суннат эътироф шудааст. Ҳамчунин, дар давлатҳои ғайриисломӣ низ ҳадис ҳамчун баёнгари ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода бурда мешавад, агарчи ба шакли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳам дароварда нашуда бошад. Ҷумҳурии Исломии Эрон Сарқонуни худро дорад, аммо Қуръон ва суннатро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ истифода мебарад. Аз ин бармеояд, ки ҳадис муносибатҳои оиладорӣ, молумулкӣ, шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро ба танзим медарорад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо ҳадис ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Дар ҶТ, ҳадис ба шакли қонунӣ дароварда нашудааст, аммо дар ҳаёти ҳаррӯза барои танзими муносибатҳо истифода мешавад.



**Халифаев ФАЗЛИДДИН**
*донишҷӯи соли 2-юм*

# ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФА. ҲАР ДУРО АРҶ БОЯД ГУЗОШТ!

Яке аз сарчашмаҳои асосии озодӣ, оромӣ, некуаҳволӣ ва ҳаёти хушбахтона барои ҷомеа ва хусусан, ҳар як инсон нигоҳ доштани мувозинати ҳуқуқу озодӣ бо вазифаҳо мебошад. Ҳар як инсон ҳамчун узви ҷомеа, дорои ҳам ҳуқуқ ва ҳам вазифаҳои гуногун аст. Сарфи назар аз он, ки бархе аз ҳуқуқҳои инсон табииянд, аммо бояд қайд намуд, ки ҳифозати онҳо маҳз аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, давлат ба ивази ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба дӯши ӯ бархе вазифаҳои муайянеро вомегузорад. Ин нуктаҳо дар баъзе аз меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассуми худро ёфтаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 5-и ин санад қайд шудааст, ки "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд". Ҳамзамон дар баробари ин, дар қисми 2-и моддаи 10-и санади номбурда зикр шудааст, ки "Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурияро риоя ва иҷро намоянд".



Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои ҳар як инсон натанҳо ҳуқуқу озодиҳо, балки вазифаҳояшон низ бояд муқаддас бошад. Ҳар як инсони ҷомеаи имрӯзаро зарур аст, ки дар баробари амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои худ, ба амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои дигарон (ки ин ба гурӯҳи вазифаҳояшон дохил мешаванд) мусоидат намоянд. Ин нуктаи мазкур, дар моддаи 42-и Сарқонуни ҶТ низ таҳкими худро ёфтааст, ки он чунин аст: "Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд".

Мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯза, бархе аз инсонҳое низ ҳастанд, ки барои амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои худ, ҳуқуқу озодиҳои дигаронро аз мадди назарҳо дур монда, онҳоро дағалона поймол менамоянд, ки ин бешак натанҳо ба ҷомеа, балки ба давлат низ таъсири худро мерасонад. Аз ин хотир бояд, ҳар як инсон на танҳо барои озодии ҳуқуқҳои хеш, балки барои он кӯшиш ба харҷ диҳад, ки эҳтирому озодии ҳуқуқҳои дигаронро вазифаи асосии худ қарор дода, бахри риояву ҳифзи онҳо мусоидат намояд.

Хулоса, ҳар як инсон бояд вазифаҳои асосии хешро, пеш аз ҳуқуқҳояш гузорад ва ё ин ки мувозинати онҳоро нигоҳ дорад. Зеро ҳангоми амалӣ сохтани вазифаҳо, ҳуқуқҳо низ ба таври автоматӣ амалӣ мегарданд. Ман ҳамчун як узви ин ҷомеа, тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриро, сараввал хоҳиш ва баъдан таъкид менамоям, ки ҳамеша пеш аз амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои худ, ба ҳуқуқу озодиҳои дигарон низ эҳтиром гузоранд, ки ин барои бунёди давлати озоду демократӣ асос мегардад.

Намунае аз ҳаёт доир ба ин мавзӯъ: Дар хобгоҳи донишҷӯён ду нафар (Карим ва Ҷамшед) ҳамроҳ мезистанд. Рӯзе Карим ба мутолиаи китоб машғул буду Ҷамшед бошад, саддои мусиқиро баланд карда, ба истироҳату фароғат. Карим гуфт: - Ҷамшед ман ба хондани китоб машғулам, садои мусиқиатро хомӯш намо. Ҷамшед дар ҷавоб гуфт: - Намебинӣ магар, ман истироҳат мекунам, ту китобатро рафта дар дигар ҷой хон. Ва боз илова кард, чи тавре ки ту ҳуқуқи хондан дорӣ, ман низ ҳуқуқи истироҳат кардан дорам…"

Дар ин гуфтаҳо воқеан, ҳам ҳарду ҳаққанд, аммо онҳо дар баробари ин вазифадоранд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои ҳамдигар арҷ гузоранд ва сараввал ба иҷро намудани вазифаҳои хеш машғул шаванд.

Ҳамин тавр, ҳар як инсон бояд, ҳуқуқу озодиҳои хешро бо вазифаҳояш дар тарозуи адл гузошта, ҳангоми амалӣ сохтан баробарии онҳоро ба эътибор гирад.



**Фаридун БОБОХОНОВ**
*донишҷӯи соли 1 (МБХ)*

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони факултет аз марги бармаҳали дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносӣ

**БЕКМУРОДОВ МИРАЛӢ МАҲМАДАЛИЕВИЧ**

сахт андӯҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум, аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

---

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони факултет ба устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Мавлоннаазаров Одилбек нисбат ба вафоти

**МОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён карда, ба наздикону пайвандони эшон сабри ҷамил хоҳонанд.

# АҚИДАҲОИ СИЁСИВУ ҲУҚУҚИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Нуриддин Абдураҳмон ибни Низомиддини Аҳмад ибни Шамсиддини Муҳаммад яке аз мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик ба ҳисоб меравад, ки таълимоти хешро роҷеъ ба масъалаҳои назариявии давлат, сиёсат, санъати идора, қонуну қонуният, пеш аз ҳама аҳкоми дини Ислом пешбарӣ мекунад. Ӯ соли 1414 дар деҳаи Хуҷард ба дунё омадааст. Абдураҳмони Ҷомӣ таълимоти ибтидоиро дар назди падараш, ки қонундон буду вазифаи маъмуриро бар уҳда дошт, мегирад. Ҷомӣ баъдтар таълимоти хешро дар мадрасаи Улуғбек идома медиҳад.

Мавсуф ақидаҳои сиёсиву ҳуқуқии хешро зимни эҳтиром ва риояи аҳкоми дин пешбарӣ мекунад, ба монанди шинохти Худои холиқ, офарида шудани олам аз ҷониби Худованди қодиру тавоно. Ӯ нуфузи воло ва тағйирнаёбанда будани Қуръони маҷидро эътироф карда, зарурати риояи ҳамарузаи онро таъкид менамояд. Ҷомӣ давлатро дар робита ва дар чаҳорчӯбаи Ислом баррасӣ мекунад, аз ҷумла пайдоиши ҳокимияти шоҳиро чун ҷузъи ҷудонашавандаи офариниши олам аз ҷониби Худои холиқ этироф менамояд. Айни замон давлат на чун сохтори мустақили сиёсиву ҳуқуқӣ, балки дар робитаи ногусастанӣ бо шахсияти шоҳ таҳлил мешавад. Тавре таъкид гашт, чунин тарзи дарки давлат, аниқтараш ҳокимияти шоҳӣ хоси умуман афкори сиёсии исломӣ буд ва таъкид бар он мекунад, ки Худованд ҳокимиятдориро ба паёмбарон ато намуда, сипас ҳокимият ба дасти шоҳони меросбар мегузарад. Ҳокимият ба андешаи мутафаккир, сарчашма ва табиати илоҳӣ дошта, тибқи фармудаи Худованд амалӣ мешавад. Ҳамчунин меросӣ будани ҳокимияти шоҳӣ таъкид мешавад. Ин масъала дар асари "Саломон ва Абсол" бисёр хуб дарҷ гардидааст.



Мутафаккир дар асарҳои худ 2 роҳи соҳиб гаштан ба ҳокимиятро этироф намудааст: 1) Мероси будани ҳокимият, 2) интихоби шоҳ

Дар ҳарду маврид шоҳ бояд хирадманд, ғамхори мардум ва накӯкор бошад. Ба зимаи шоҳи интихобшаванда як қатор вазифаҳо гузошта шудааст, ба мисоли ғамхор будан ба раият, адолатпарвaӣ, ҳақҷӯӣ, ба манфиати халқ амал кардан, ҳифзи ҳаққи мардум ва ғайра.

Ҷомӣ сарчашмаи пайдоиши ҳокимиятро ҳамеша ба табиати илоҳӣ вобаста мекунад. Ба андешаи ӯ ҳокимияте, ки моҳияти зиддиилоҳӣ дорад, беадолат аст. Аз ин рӯ, адолат вазифаи аввалиндараҷаи шоҳ ба шумор меравад. Ӯ таъкид мекунад, ки шоҳ низ мисли одамони дигар як "бандаи Худо" мебошад ва ҳокимиятдории ӯ ҳам абадӣ нест. Накӯкориро низ хислати муҳими шоҳ шуморида, қайд мекунад, ки "ҳаёти инсон кӯтоҳ буда, номи нек абадист". Бо ин суханонаш мутафаккир шоҳонро ба накӯкори даъват мекунад.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ мисли дигар мутфаккирон давлатро чун падидаи хайр, сохтори некхоҳ, василаи таъмини адолат, ҳимояи ҳаққи раият арзёбӣ мекунад. Ӯ ба санъати шоҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қоидаҳои онро муфассал таҳлил мекунад. Ба андешаи ӯ қоидаҳо ё принсипҳои асосии фаъолияти шоҳон аз инҳо иборат аст: адолатпешагӣ, дурӣ ҷустан аз мансабдороне, ки нисбат ба мардум зулм мекунанд, назорати доимӣ аз болои соҳибмансабон, таъмини амнияти раият, ҳимояи одамон, ба кор ҷалб намудани вазирони хирадманд ва ҳақҷӯӣ, барканор намудани вазирони ҳарису тамаъҷӯй ва ҷоҳил, ба ҳамаи мансабҳои давлатӣ ҷалб намудани шахсони поквиҷдон ва вафодор, пеш аз ҳама афроде, ки ғамхори мардум, ҳимоягари бенавоёну мӯҳтоҷон буда, аҳли илмро қадр мекунанд, ҳасадхӯру бадкина нестанд, ҳамеша воқиф будан аз вазъи воқеии кишвар ва раият, назорати доимӣ аз болои фаъолияти кормандони андоз, душмани шоҳ ва мулк эълон кардани шахсоне, ки андози аз меъёр зиёд меситонад.

Дар масъалаи шакли давлат Ҷомӣ ҷонибдори шоҳигарист. Ин шакли давлатдорӣ низ зимни аҳкоми ислом баррасӣ мегардад. Ҳангоми таснифи шаклҳои шоҳигарӣ ҷанбаҳои ақлонӣ ва диниро истифода мекунад, ки мувофиқи он шоҳигарӣ ба 2 намуд ҷудо мешавад: шоҳигарии адолатпеша ва шоҳигарии золимона.

Ҷомӣ тарафдори шоҳигарии адолатпеша буда, хонандаро ба адолатпешагии даврони Анӯшервон, Фаридун ва умуман шоҳони аҷам ҷалб мекунад. Ӯ таъкид менамояд, ки шоҳи адолатпеша агарчанде, ки Қуръонро ҷонибдорӣ накунад ҳам, вале беҳ аз шоҳи золимест, ки худро пайрави қуръон меҳисобад.

Маркази таълимоти Ҷомиро динмеҳварӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи гуфтаҳои ӯ бояд ҳамаи шоҳон Қуръон ва меъёрҳои диниро сармашқи кори худ қарор диҳанд. Тавре дар "Хираднома Искандарӣ" таъкид мешавад, ҳокимиятдоре ки бар хилофи Қуръон амал мекунад "одами осӣ" буда, ҳокимияташ тибқи Қуръон "лаънат гаштааст". Мутафакккир бар он ақида аст, ки "инсони дорои ҳусни зебо" айни замон "қалби зебо" дошта, майл ба амали бад надорад. Баръакс, "одами зиштрӯй" табиату қалби баддошта, мисли "одами нафратовар" аст ва майл ба амали зишту ҷинояткорона дорад. Ба ақидаи ӯ "ҷиноят натиҷаи амали шайтон аст".

Хулоса, мутафаккир ҷонибдори муборизаи беамон муқобили ҷинояту ҷинояткорӣ ва татбиқи ҷазоҳои сазовору боадолатона барои ҷиноят аст. Ба андешаи ӯ ҷазо бояд мутобиқи амали содиркардаи шахс, гуноҳ, вазъи рӯҳӣ ва синну соли ҷинояткор татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, ба санъати татбиқи ҷазо таваҷҷуҳи хоса намудааст ва мефармояд, ки "танҳо инсони хирадманд қозӣ буда метавонад".



**Орзуев ФАРОМУЗ**
*донишҷӯйи соли дуюм*




# КОНСТИТУТСИЯ - ШАҲОДАТНОМАИ МИЛЛАТ

Бист сол муқаддам 6 ноябри соли 1994 дар таърихи навини давалатдориамон рӯйдоди муҳими сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию фарҳангие ба вуқӯъ пайваст, ки он дар саҳифаи рӯзгори мардуми тоҷик бо хатти заррин ҳамчун "Рӯзи қабули Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ" сабт гардид. Дар ин рӯз аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бори аввал Сарқонуни ҶТ қабул гардид, ки ҳамчун муайянкунандаи тақдири имрӯзу фардои миллати кӯҳанбунёди мо, истиқлолияти давлатии ҶТ-ро эътобори ҳуқуқӣ бахшида, онро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Бо қабули он муносибатҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ танзими ҳуқуқии худро ёфта, барои таҳя ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр заминаи воқеӣ гузошта шуд. Конститутсия аз ғояи ҳокимияти халқ, ки моҳияти соҳибихтиёрии халқро дар бар мегирад, сарчашма мегирад. Дар он асосҳои давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, ягона, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунандешии сиёсӣ, демократияи намояндагӣ бо истифода аз усулҳои демократияи бевосита ҳамчун арзишҳои дар сатҳи байналмилалӣ пазируфташуда, ки бунёди амалияи конститутсионии ҷаҳони имрӯзаро ташкил менамояд, мавриди танзим қарор гирифтаанд. Конститутсия Тоҷикистонро давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ эълон намуд, ки дар он барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона таъмин карда мешавад. Бояд фаромуш насохт, ки ин меъёр ҷавобгӯи ҳадаф ва талаботи ҷомеаи демократӣ ва мутамаддин буда, дар конститутсияи тамоми давлатҳои демократӣ ифодаи худро ёфтааст. Мувофиқи муқаррароти Сарқонуни Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ буда, аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз намудани онҳо ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ кафолат дода шудааст. Аз ҷумла дар моддаи 14-и Конститутсия оварда шудааст: "Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегардад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевоста амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва бо воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд".

Дигар меъёри муҳиме, ки дар Сарқонуни кишварамон пешбинӣ шудааст ин ҳуқуқи мусофират, интихоби озоди маҳали зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ба ҳисоб меравад. Ин талаботи меъёри ҳуқуқ манфиатҳоеро муайян намудааст, ки он бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои асосии шахс дохил мешавад, зеро мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист ҳуқуқҳои табиӣ ва ҷудонашавандае мебошанд, ки ба ҳар нафар аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд. Бо назардошти муҳим будани ин ҳуқуқ он қариб дар ҳамаи шартномаҳои байналмилалӣ дарҷи худро ёфтааст. Чунончи, дар қисми 1-и моддаи 13-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омада аст: "Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар ҳудуди ҳар як давлат озодона рафтуомад кунад ва ба худ маҳалли зист интихоб кунад". Қисми 2-юми ҳамин модда бошад, ин мафҳумро боз ҳам васеътар намудааст, ки мувофики он "ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ҳар кишвар, аз ҷумла кишвари худро тарк кунад ва ба кишвари худ бозгардад" Умуман Конститутсия қонуни асосии давлат, санади ҳуқуқии таъсисии кишвар буда, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он маншаъ мегиранд ва дар сурати мухолифат беэътибор дониста мешаванд.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ дар ҳақиқат ҳуҷҷати тақдирсозе мебошад, ки барои таъмини давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягонаи тоҷикон заминаи ҳуқуқӣ гузоштааст ва дар он ҳуқуқу озодиҳои шахс муқаддас шумурда шуда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳо эътироф шудааст.



**Комрон РАҶАБОВ**
*донишҷӯи соли 4-ум*

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир: Ҷаҳонгир Саъдизода
jahon_1967@mail.ru

Тарроҳ: Ҳамидулло АЗИЗОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
**Насурдинов Э. С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафаров Б.А.** дотсент, муовини ректор оид ба илм;
**Қурбонов Қ.Б.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Камолов И. И.** дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳукуқ;
**Сулаймонов Ф. С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саид Нуриддин Саид вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Раҳимов М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000